# Шарҳи моҳонаи таваррум • Декабри 2021

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи декабри соли ҷорӣ 0,5 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса ба моҳи гузашта 0,8 банди фоизӣ (б.ф.) кам ва ҳамин моҳи соли қаблӣ 0,1 б.ф. баланд мебошад.**

Таваррумҳосилшуда асосан аз ҳисоби афзоиши нархи маҳсулоти хӯроквориӣ 0,7 фоиз (саҳм дар таваррум 0,3 б.ф.), молҳои ғайрихӯроквориӣ 0,6 фоиз (0,2 б.ф.) ба амал омад. Арзиши хизматрасонии пулӣ ба аҳолӣ бошад, ба андозаи -0,2 фоиз (бо саҳми ночиз) коҳишёбӣ ба қайд гирифта шуд.

Дар сохтори маҳсулоти хӯроквориӣ бештар қиматшавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили гӯшти гӯсфанд 0,5 фоиз, шир 1,9 фоиз, себ 2,4 фоиз, нок 13,0 фоиз, ангур 8,9 фоиз, пиёз 2,7 фоиз, карам 14,1 фоиз, помидор 25,4 фоиз ва бодиринг 38,5 фоиз ба қайд гирифта шуданд.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯроквориӣ, аз ҷумла нархи орди навъи якум -0,3 фоиз, гӯшти гов -3,0 фоиз, равғани пахта -0,8 фоиз, равғани офтобпараст -0,1 фоиз, шакар -0,5 фоиз, тухм -3,0 фоиз, картошка -2,9 фоиз, сабзӣ -9,9 фоиз, биринҷ -0,1 фоиз ва лиму -3,0 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Аз молҳои ғайрихӯроквориӣ бошад, дар моҳи декабри соли 2021 бештар қиматшавии нархи миёнаи масолеҳи таъмир ва сохтмон 3,4 фоиз, маводи шустушӯӣ 1,5 фоиз, либос ва пойафзол 0,9 фоиз, васоити нақлиёт 0,4 фоиз ва маводи доруворӣ 0,1 фоиз ба мушоҳида расид.

Дар баробари ин, пастравии нархи молҳои ғайрихӯроквориӣ аз қабили маводи сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ -3,0 фоиз (бахусус нархи сӯзишвории дизелӣ -3,0 фоиз, бензини навъи АИ-92 -4,1 фоиз ва гази моеъ- 2,1 фоиз) ва ангишт -1,8 фоизро ташкил дод.

Нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад, дар моҳи ҳисоботӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, ба -0,2 фоиз баробар гардид, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи арзоншавии нархи хизматрасонии

**Таваррумӣ моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи бензини АИ-92 ва гази моеъ, бо %, моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррумӣ солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



манзилию коммуналӣ ба андозаи -0,6 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

**Таварруми солона дар соли 2021 ба 8,0 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1,4 б.ф. кам мебошад.** Мавриди зикр аст, ки раванди тағйирёбии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби омилҳои дорои хусусияти таклифотӣ, мавсимӣ, фишорҳои берунӣ ба амал омад.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки дар худ қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи декабри соли ҷорӣ 0,4 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 1,5 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар болоравии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ ва маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ мусоидат намуданд.

**Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ бо мақсади ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда бо истифода аз фишангҳои монетарӣ татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум идома хоҳад дод.**




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

| Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррими солона бо фоиз)* | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн,% | 2019 | 2020 | | | | 2021 | | | | | | Декабр тағйирёбии моҳона,% |
| | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Март | Июн | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,3** | **8,4** | **6,6** | **9,4** | **9,9** | **9,4** | **9,6** | **8,7** | **8,0** | **8,0** | **0,5** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **12,4** | **7,6** | **13,5** | **13,5** | **10,9** | **11,0** | **9,0** | **7,4** | **7,5** | **0,6** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,5 | 25,3 | 15,1 | 13,8 | 10,4 | -3,7 | 2,2 | 5,2 | 2,1 | 4,0 | 0,0 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 4,0 | -0,5 | -0,4 | 3,2 | 0,4 | -5,5 | -7,8 | -6,3 | -7,3 | -7,5 | -0,1 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 17,3 | 36,7 | 19,0 | 16,4 | 12,9 | -5,7 | 4,6 | 8,7 | 4,5 | 8,0 | -0,3 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 20,6 | 12,3 | 5,9 | 5,7 | 9,0 | 14,6 | 14,0 | 15,3 | 15,7 | 15,1 | -1,0 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 25,2 | 14,0 | 5,7 | 6,2 | 9,5 | 15,5 | 15,8 | 17,9 | 17,9 | 14,9 | -3,0 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | -5,1 | -0,1 | -2,1 | 18,9 | 43,2 | 24,2 | 11,9 | -9,6 | -12,0 | -14,4 | -3,0 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 6,7 | 8,1 | 7,6 | 4,3 | 5,6 | 6,2 | 7,9 | 9,1 | 8,5 | 8,9 | 2,2 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 11,0 | 13,0 | 8,1 | 5,6 | 10,3 | 3,1 | 8,8 | 7,7 | 8,0 | 4,3 | 1,8 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 0,5 | 6,4 | 7,2 | 42,3 | 51,5 | 64,3 | 58,9 | 40,6 | 27,6 | 20,8 | -0,5 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 12,1 | 18,6 | 11,5 | 4,7 | -6,4 | -9,5 | -9,7 | -7,3 | -3,0 | -6,7 | 2,7 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 29,9 | 3,0 | -3,0 | 5,8 | 5,5 | 14,1 | 11,7 | 7,9 | 12,3 | 16,4 | 3,8 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | -0,2 | -2,0 | 13,1 | 40,8 | 46,7 | 41,0 | 21,9 | 6,6 | 4,3 | 4,4 | -0,5 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -0,8 | -0,2 | -2,1 | -2,2 | 4,5 | -1,7 | 0,1 | 0,0 | -0,5 | -0,7 | 0,5 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **3,0** | **2,9** | **6,2** | **5,9** | **5,9** | **5,7** | **1,8** | **3,5** | **3,3** | **3,3** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **1,9** | **3,2** | **5,0** | **5,0** | **4,6** | **4,3** | **2,8** | **3,1** | **3,1** | **5,8** | **2,6** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,0** | **3,9** | **5,8** | **5,8** | **7,6** | **8,4** | **7,8** | **8,1** | **7,5** | **7,5** | **0,5** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,2 | 3,8 | 4,1 | 4,5 | 4,9 | 4,1 | 3,3 | 3,5 | 2,6 | 2,8 | 0,9 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 5,5 | 6,5 | 8,0 | 8,0 | 7,8 | 6,5 | 5,1 | 4,9 | 4,5 | 8,0 | 3,4 |
| Маводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 2,9 | 5,0 | 7,0 | 10,1 | 9,5 | 7,7 | 5,7 | 4,5 | 3,1 | 4,6 | 1,5 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 16,5 | 11,9 | 12,6 | 7,8 | 6,6 | -0,4 | -1,6 | -1,0 | -1,0 | -0,7 | 0,1 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | 4,2 | -16,5 | -1,2 | -6,1 | 16,8 | 56,8 | 59,4 | 65,6 | 68,7 | 63,0 | -3,0 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | -2,1 | -2,7 | 14,8 | 14,8 | 12,8 | 22,1 | 11,8 | 13,4 | 7,4 | 2,7 | -1,7 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | -0,7 | 2,7 | 2,8 | 3,2 | 4,3 | 4,2 | 2,9 | 2,9 | 2,7 | 2,9 | 0,4 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 2,9 | 8,4 | 7,5 | 8,8 | 9,3 | 5,6 | 5,2 | 3,7 | 3,5 | 3,7 | 0,4 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,7** | **5,0** | **5,0** | **4,0** | **4,1** | **5,1** | **9,3** | **9,3** | **11,8** | **11,3** | **-0,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 11,0 | 7,5 | 4,9 | 1,8 | 3,7 | 9,6 | 14,6 | 15,0 | 14,3 | 13,1 | -0,6 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 1,3 | 1,3 | 2,8 | 6,0 | 4,7 | 3,8 | 1,4 | 1,3 | 1,3 | -1,1 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 1,1 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 5,9 | -9,3 | 28,1 | 4,0 | 14,1 | 52,0 | 66,7 | 71,8 | 67,7 | 66,1 | -2,1 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | -1,4 | 0,9 | 4,6 | 3,0 | 1,5 | 1,5 | 11,2 | 11,4 | 22,4 | 22,4 | 0,0 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 0,2 | 8,5 | 8,6 | 9,0 | 9,0 | 0,6 | 0,4 | 0,2 | 0,2 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 7,7 | 9,3 | 8,8 | 8,8 | 8,7 | 7,8 | 7,8 | 7,8 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 0,5 | 0,4 | 0,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 4,4 | 3,1 | 2,6 | 6,7 | 5,9 | 5,5 | 4,1 | 3,7 | 2,6 | 1,7 | 0,5 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо